**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2015**

**УДК: 32+327+9тадж**

**НАСУРОВА Б.А.**[1]

# СИНФИ МИЁНА ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР ПЕШРАВИИ ҶОМЕА

Дар мақола мазкур паҳлӯҳои муҳимтарини табақабандии иҷтимоӣ ва махсусан ташакккулёбии синфи миёнаи аҳолии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Нишон дода шудааст, ки дар ҷомеа синфи болою поён вуҷуд дошта бошад, пас ҳатман ҳадди миёна ҳам ҷой дорад. Меъёри тааллуқ доштан ба синфи миёна пеш аз ҳама сатҳи муайяни даромади иқтисодӣ, доштани моликияти хусусӣ, саводу маълумоти баланд, ки ба шахс барои ба даст овардани касб ва кори бонуфуз мусоидат намоянд, пешрафт дар касбу кор ва ҷойивазнамоии иҷтимоӣ мебошанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон додаст, ки синфи миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, аммо бисёр заиф ва ҳар лаҳза онро хатари ба табақаи камбизоат гузаштан таҳдид намуда, шумораи намояндагони худро аз даст дода истодааст. Сабаби инро дар замони ҳозира аз паст шудан, ё бад шудани вазъияти иқтисодӣ дар ҷомеаи тоҷик дидан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** табақабандӣ, синфи миёна, нишондиҳандаҳои синфи миёна, меъёри муайянкардани синфи миёна, манбаи даромад, маълумоти олӣ, ҷойи кори бонуфуз, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа.

Бо тағйироти иҷтимоӣ, инқилоби илмӣ - техникӣ ва коммуникатсионӣ, имконпазир гардидани ҷойивазкунии иҷтимоӣ, паҳншавии арзишҳои глобализатсия, раванди барқароршавии «табақаи миёна» - и нав, ки дар Ғарб онро «синфи миёна» низ меноманд, оғоз гардид. Синфи миёна зуҳуроти навин, мураккаб ва гуногунҷанба мебошад, ки дар асри ХХ ба вуҷуд омаду дар ҷамъият мақоми махсусро соҳиб гардид. Айни замон дар баъзе аз давлатҳои мутараққии ҷомеаи муосир ҳиссаи намояндагони синфи миёна то 60-70 % рафта мерасад. Ҳанӯз 2500 сол пеш Арастуи бузург пайғом дода буд, ки бояд синфи миёна ё афроди миёнаҳол такягоҳ ва пойгоҳи ҳукумату давлат қарор гирад.

Ба андешаи сотсиологи рус Т.Н.Салков, дар ҷомеаи шӯравӣ синфи миёна вуҷуд дошт. Ба синфи миёнаи давраи шӯравӣ зиёиёни шаҳру деҳот, коргарони баландихтисос, табақаи афсарон дохил мешуданд, ки дар маҷмӯъ 40-50% аҳолиро ташкил медоданд [11].

Дар ҷомеае, ки синфи болою поён вуҷуд дошта бошад, пас ҳатман ҳадди миёна ҳам ҷой дорад. Табақаи миёна ҳамаи он гурӯҳҳои мухталифе мебошанд, ки фазои иҷтимоии ҳудудҳои байн аз як тараф, элита ё сарватмандон ва аз

[1] **Адрес для корреспонденции:** Насурова Б.А. к.ф.н., старший научный сотрудник отдела социологии Института философии, политологии и права им. академика А.Баховаддинова АН РТ (734025; г.Душанбе, пр. Рудаки, 33; тел: 919960611; **e-mail:** behru@mail.ru )

тарафи дигар, камбизоатонро пур менамоянд. Меъёри тааллуқ доштан ба синфи миёна пеш аз ҳама сатҳи муайяни даромади иқтисодӣ, доштани моликияти хусусӣ, саводу маълумоти баланд, ки ба шахс барои ба даст овардани касб ва кори бонуфуз мусоидат намоянд, пешрафт дар касбу кор ва ҷойивазнамоии иҷтимоӣ мебошанд.

Синфи миёна намояндагони соҳаҳои гуногуни истеҳсолотро фаро мегирад, ки тавассути таълимоти хуб, ихтисоси баланд, қобилияти мутобиқшавӣ ва дигар сифатҳои шахсӣ шароити хуби иқтисодиро соҳиб гаштанд. Неруи меҳнати ҷисмонӣ ва фикриашон «серхаридор» буда, аз «фурӯши» қувваи меҳнатӣ ва маҳорати касбии худ маблағи барои зиндагиашон кофиро дастрас мегардонад. Пайваста аз ҳисоби синфи болоӣ (ҳангоми нобарорӣ дар пеша ва касбу кор) ва синфи поёнӣ (талошҳои шабонарӯзӣ ва кӯшишҳои бобарор дар ихтисос ва ҷои кор) синфи миёна сафи худро пурра карда меистад. Мутахассисони боистеъдод, кормандони соҳаи маъмурӣ ва идоракунандаи сатҳи поёнӣ, соҳибкорон ва тоҷирони хурду миёна, менеҷерҳо, муҳандисон, кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва ширкатҳои истеҳсолӣ, кормандони илмӣ ва техникӣ, сармоядорони хурди шаҳр ва деҳот, мисли баъзе деҳқонону фермерҳо ва баъзе аз доираи зиёиён аз зумраи намояндагони афзудаистодаи ин табақаи иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд.

Мувофиқи назарияи Э. Райт аксарияти намояндагони синфи миёна мисли менеҷҷерон, мутахассисони баландихтисос, коргарони соҳаи хизматрасонӣ ва дигар «гиребонсафедон» бо ҳокимият ва синфи боло муносибатҳои наздики корӣ доранд. Чунин одамонро сармоядорон барои назорат намудани синфи коргар истифода мебаранд, аз хизмати онҳо фоида ба даст меоранд, ба хотири «вафодорӣ» ва «садоқаташон» мукофоти арзанда ва маоши бештареро арзонӣ дошта, барои пешрафти шахсӣ ва болоравияшон дар зинаҳои хизматӣ ёрӣ мерасонанд. Ҳолатҳое мешаванд, ки намояндагони синфи миёна аз ин муносибатҳо моҳирона истифода бурда, шомили синфи болоӣ мегарданд ва ба сиёсати калон роҳ меёбанд. Бартарияти намояндагони синфи миёна дар шароитҳои тағйирёбанда пеш аз ҳама рақобатпазирӣ, мутобиқшавӣ ба ивазшавии технология, дар давоми ҳаёт чандин маротиба аз навомӯзӣ намудан ва такмили пешаю ихтисос мебошад.

Тавассути синфи миёна дар байни табақаҳои болоӣ ва поёнӣ робитаҳо барқарор шуда метавонанд. Баъдан, синфи миёна нуқтаҳои қутбии табақабандиро аз ҳам ҷудо намуда, эҳтимолияти бархӯрди синфҳои болоию поёниро бартараф менамояд. Имрӯз баъзе аз ҷомеашиносони тоҷик ба ин андешаанд, ки дар ҷомеаи тоҷик ҳанӯз синфи миёна ташаккул наёфтааст, аммо таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дар ҷомеаи мо синфи миёна ҷои худро пайдо намудааст, лекин бисёр заифу нотавон аст. Ҳар лаҳза онҳоро хатари ба табақаи камбизоат махлутшавӣ таҳдид намуда, шумораи намояндагони худро аз даст медиҳад. Барои ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократияи солими Тоҷикистон синфи миёнаи солим лозим аст. Дар ҳолати дастгирии иқтисодию ҳуқуқӣ наёфтани синфи миёна ҷои намояндагони онро як қатор маргиналҳо (дур мондан ва бегона гаштан аз ин ё он умумияти иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи ба шароити нав мутобиқ шуда натавонистан ба вуҷуд меояд) ва аҳолии камбизоат гирифта, ба шиддати иҷтимоӣ, бекорӣ, афзудани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо, ноустувории тартиботи ҷомеа ва нобаробариҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Чуноне ки дар боло зикр кардем, яке аз ченакҳои ба табақаҳо ҷудо кардани одамон вазъияти иҷтимоӣ - иқтисодии аҳолӣ аст. Барои муайян кардани вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аҳолии Тоҷикистон, ки асосаш ба табақаҳо ҷудо кардани аҳолӣ мебошад, дар шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносии ва ҳуқуқи АИ ҶТ тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд. Тадқиқот дар тӯли 5 сол се маротиба гузаронида шуд (Дар ин тадқиқот муаллиф баҳайси саволдиҳанда иштирок кард). Тадқиқот бо интихоби калон (генеральная выборка) дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд [1].

Аз тадқиқоти гузаронидашуда саволҳои заруриро гирифта, мавриди таҳлил қарор додем. Дар ин 3 давраи тадқиқот, чунин савол дода шуд.

• Имрӯз вазъият дар Тоҷикистон дар умум бо самти дуруст ё нодуруст инкишоф ёфта истодааст?

Натиҷаи саволи гузошташуда нишон дод, ки 67,4%-и пурсидашудагон (респондентҳо) зикр карданд, ки вазъият дар ҷумҳурӣ бо самти дуруст инкишоф ёфта истодааст; натиҷаи тадқиқоти соли 2011 бошад, ба ин савол 81,8% чунин ҷавоб гардониданд. Муқоиса байни натиҷаҳои тадқиқотҳо чунин нишон медиҳад, ки шумораи пурсидашавандагон бо чунин посух сол то сол афзуда истодааст. Шумораи камтарин аз пурсидашавандагон, ба чунин андешаанд, ки вазъият дар Тоҷикистон бо самти нодуруст инкишоф ёфта истодааст. Агар натиҷаи тадқиқоти соли 2006 нишон диҳад, ки 8,0%-и респондентҳо ба чунин ақидаанд, яъне вазъият дар Тоҷикистон бо самти нодуруст инкишоф ёфта истодааст; натиҷаи тадқиқоти соли 2011 бошад – 11,9%-и пурсидашавандагон чунин ақидаро дастгирӣ мекунанд, аммо зикр кардан бамаврид аст, ки тарафдорони ин посух низ сол то сол зиёд шуда истодаанд.

Дар қатори аз ҳама масъалаҳои зарурии ҷомеаамон иштирокчиёни тадқиқот дар соли 2009 инҳоро номбар карданд: сатҳи баланди бекорӣ (28,0%), маоши паст, нафақа, камбизоатӣ (23,1%); буҳрони иқтисодӣ (12,5%); нархҳои баланди озуқаворӣ, инфлятсия (беқурбшавии пул) (17,1%); ришвахӯри (коррупсия) (7,2%); гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (16,8%). Ин ҳамаи проблемаҳои номбаркардашуда аз ҷониби иштирокчиёни тадқиқот ба вазъияти иқтисодии Тоҷикистон бе таъсир намонда оқибатҳои манфии худро мегузоранд.

**Ҷадвали 1.**

**Вазъияти моддии оилаи Шумо чи гунна аст?**
**(ба ҳисоби %)**

| Ҷавобҳо | 2006 | 2009 | 2011 |
|---|---|---|---|
| Бенихоят хуб | 15,8 | 7,7 | 11,5 |
| Нисбатан хуб | 47,2 | 59,5 | 75,6 |
| Нисбатан бад | 29,6 | 25,3 | 8,7 |
| Бениҳоят бад | 5,0 | 5,3 | 1,2 |
| Ба ҷавоб додан мушкилӣ мекашам | 1,0 | 2,2 | 0,7 |

Аз натиҷаи пурсишҳо мо чунин табақаҳоро муайян кардем (натиҷаи тадқиқоти соли 2011):

- қашшоқ (9,3%);

- камбизоат (29,1%);
- нисбатан таъминбуда (46,1);
- бобизоат (доро) (6,8);
- сарватманд (бой) (2,5);

Аксарияти аҳолиро табақаи «нисбатан таъминбуда» ташкил медиҳад, ки фоизи онҳо ба 46,1 мерасад. Дар ҷои дуюм бошад, табақаи «камбизоат» меистад (29,1 фоиз), табақаи «қашшоқ» (9,3), «доро» (6,8) ва табақаи «сарватманд» 2,5% -ро дар бар мегиранд.

Барои дарки амиқи мавзӯъ моҳи майи соли 2013 [10] аз тарафи Маркази Стратегии назди президенти ҶТ чунин тадқиқот гузаронида шуд: «Ташаккулёбии синфи миёна дарҶТ». Ин тадқиқот бо интихоби калон дар тамоми минтақаҳои кишвар гузаронида шуд. Аксарияти иштирокчиёни ин пурсиш худро ба синфи миёна дохил кардаанд, ки дар умум 59,8 фоизи мардҳо ва 50,6 фоизро занҳо ташкил медиҳанд. Бештари онҳо кормандони мақомоти ҳуқуқ (40%), корхонаҳои хориҷӣ (24%)-ро ташкил медиҳанд. Маълум мешавад, ки ҳамон машғулиятҳое, ки аз нигоҳи иқтисодӣ даромади хубро ба даст меоранд, имконияти ба синфи миёна ворид шуданро доранд. Заминаҳои иқтисодӣ аз омилҳои асосӣ буда, ба зиёдшавии синфи миёна таъсири худро мерасонанд. Боқимонда нафароне, ки фоизи камро ташкил медиҳанд, машғулиятҳои гуногунро дарбар мегиранд, аз қабили омӯзгор – 7,9%, кормандони донишгоҳҳои олӣ-5,8% ва ғ.,

Аз рӯи пурсиш барои мардҳо имкони бештари ворид шудан ба синфи миёна ҷой дорад. Аммо экспертҳо ояндаи синфи миёнаро номуайян мебинанд. «Натиҷаҳои бандҳои 22 тадқиқотҳои оморӣ, ки дар Амрико гузаронида шуд нишон медиҳад, ки шумораи синфи миёна дар ин давлат бо суръат кам шудаистодааст ва дар ояндаи наздик хатари аз байн рафтани ин синф аз назар дур нест. Қобили зикр аст, ки Амрико яке аз давлатҳое ба шумор меравад, аксарияти аҳолиашро синфи миёна ташкил медиҳад» [3].

Ба андешаи мо, барои ташаккулёбии синфи миёна амалӣ гаштани тадбирҳои зерин мусоидат менамоянд:

- ба воқеият табдил ёфтани озодии фаъолияти иқтисодии шаҳрвандон;
- воқеан ҳифз гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла кафолати ҳифзи моликияти хусусӣ (зеро кафолати воқеии ҳифзи моликияти хусусӣ шаҳрвандонро барои машғул шудан ба соҳибкории ватанӣ ҳавасманд мегардонад);
- ташкил ёфтани корхонаю ташкилотҳои хурду миёнаи истеҳсолию тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ;
- таъмини шароитҳои имконпазир барои ба таври воқеӣ (на ҳисоботдиҳии расмӣ) ва объективӣ (дар доираи кулли шаҳрвандон) ҷараён гирифтани ҷойивазкунии амудии иҷтимоӣ;
- дуруст ба роҳ мондан ва мусоидат намудан ба иҷтимоишавии самараноки шаҳрвандон, аз ҷумла сотсиализатсияи ҳуқуқӣ, ки боиси баланд гардидани сатҳи шуур ва маданияти онҳо мегарданд (тавассути пурзур намудани низоми таълимот).

Хуллас, барои пешравии ҷомеа диққати махсусро бояд ба синфи миёнаи аҳолӣ равон кард. Имрӯз дар тамоми ҷаҳон муҳофизат ва мустаҳкам кардани синфи миёна дар маркази диққати олимон аст. Дар ҳолате, ки синфи миёна ба

пастшавӣ ва заифӣ меравад, ҷомеа ба бухрони иҷтимоӣ дучор шуда, проблемаҳои ҷомеа зиёд шудан мегиранд.

Дар замони ҳозира паст шудан ё бад шудани вазъияти иқтисодӣ дар ҷомеаи тоҷик сабаби кам шудан синфи миёна гаштааст, ки ин проблемаҳои давлатро зиёд карда метавонад. Умуман баъзе аз ҷомеашиносони тоҷик ба ин андешаанд, ки дар ҷомеаи тоҷик ҳанӯз синфи миёна ташаккул наёфтааст, аммо таҳлилҳо собит мекунанд, ки дар ҷомеаи мо синфи миёна ҷои худро пайдо намудааст, лекин бисёр заифу нотавон. Ҳар лаҳза онҳоро хатари ба табақаи камбизоат махлутшавӣ таҳдид намуда, шумораи намояндагони худро аз даст медиҳад.

Синфи миёна синфи ботаҳаммул ва пуштибони сиёсати давлат, воситаи беҳтарини бартараф намудани оқибати бухрони иқтисодӣ, бекорӣ, паст гардонидани шиддати иҷтимоӣ мебошад. Ба шарофати синфи мазкур эҳтимолияти сар задани инқилобҳо, роҳпаймоиҳо, низоъҳои иҷтимоӣ кам мешавад. Барои устувории низоми иҷтимоӣ ва сиёсии давлат синфи миёна мусоидат менамудааст, зеро «талаботҳо»-и синфи миёна нисбатан камтаранд, намояндагони он бештар «ба кори худ» банд мебошанд, бо қувваи худ ҳаёташонро ба таври муътадил пеш бурда метавонанд, сарбории давлат нестанд. Агар намояндагони синфи миёна ҳиссаи зиёди шаҳрвандонро ташкил диҳанд, он гоҳ ҳокимияти давлатӣ имкониятҳои бештареро пайдо менамояд, ки дархости табақоти дигари ниёзманди ҷомеаро дида бароянд. Илова ба ин, намояндагони синфи миёна бо сабаби ҳаёти муътадил доштанашон ба устувории низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ҳавасманд буда, барои нигоҳдошти сулҳу оромӣ ва дастгирии низоми сиёсии ҳукмрон кӯшишҳояшонро дареғ намедоранд.

**Адабиёт**


1. Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ дар ҶТ. (Тадқиқот аз тарафи шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ гузаронида шуд.) Солҳои 2006, 2009, 2011.
2. Волков Ю.Г., Добренков В.И., Ничепуренко В.Н., Попов А.В. Социология: Учебник/Под ред. проф. Ю.Г. Волкова.– Изд. 2-е, испр. и доп.– М.: Гардарики, 2003.– 512 с.
3. Джеймс Алан. Падение среднего класса Америки. Нью –Йорк Таймз, Нью Йорк. 2012.
4. Добренков В.И., Кравченко А.И.. Социология: в 3-х т. Т.2: Социальная структура и стратификация.- М., 2001.- 624 с.
5. Донилов А.Н. Власть и общество: поиск новой гармонии. - Минск, 1998.- 575 с.
6. Массионис Д.Ж. Социология. - М.,2004. – 752 с.
7. Основы социологии: Учебное пособие. Под. общ. ред. проф. М.В.Прокопова.- М.: Издательство РДЛ, 2001.-129 с.
8. Радаев В.В. Шкаротен О.И. Социальная стратификация. Учебное пособие. - М.: Наука, 1995. – 237 с.
9. Радугин А.А., Радугин К.А. Социология.-М.,1999.-160 с.
10. Ташаккулёбии синфи миёна дар ҶТ. МСНПҶТ. моҳи майи соли 2013.
11. Салков Т.Н. Социология: проблемы современного общества.-М., 1999.
12. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. - Душанбе, 2008.-320 с.

**НАСУРОВА Б.А.**

## СРЕДНИЙ КЛАСС И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ОБЩЕСТВА

Данная работа посвящена рассмотрению вопросов стратификации в таджикском обществе и особое внимание уделено феномену среднего класса. Наличие в обществе богатых и бедных (высший и низший классы) предполагает, соответственно, существование и среднего слоя. Наиболее дебатируемыми в научной литературе являются критерии или индикаторы определения среднего класса. В данной работе в качестве индикаторов были определены, прежде всего, доход, наличие частной собственности, уровень образования (в данном случае – высшее) и наличие престижной работы. Два последних индикатора являются наиболее интересными с точки зрения характера обусловленности второго первым, то есть наличие высшего образования предполагает возможность трудоустройства на престижную работу / позицию и, соответственно, косвенно могут определять экономический индикатор – доход.

Автор статьи на основании панельного исследования за период с 2006 по 2011 гг. отмечает наличие среднего класса в таджикском обществе. Его специфической особенностью является деактуализация практически всех индикаторов, кроме «дохода». Другими словами, наличие высшего образования не является базой для получения престижной работы / позиции. Более того, эти два индикатора не коррелируют с «доходом».

**Ключевые слова:** стратификация, средний класс, индикаторы среднего класса, критерии среднего класса, доход, высшее образования, престижная работа, социально-экономическое положение общества.

**NASUROVA B.A.**

## MIDDLE CLASS AND ITS INFLUENCE ON THE DEVELOPMENT OF SOCIETY

This article is devoted to the issues of stratification in society of Tajikistan with a special focus on phenomenon of a middle class. Existence of wealthy and poor (upper and lower) classes presupposes, accordingly, the existence of a middle class. Criteria and indicators of middle class' definition are the most debatable in the scholarly literature. In this article I define such indicators as a profit, private property, level of education (higher education mainly), and a prestigious job. The two last indicators I consider the most interesting in terms of being the second one predetermined by the first one, i.e. a person, who possess a higher education, has more chances to receive a prestigious job/position, which, accordingly, can indirectly impact on the earnings.

Based on the panel survey of 2006-2011, I point out the existence of the middle class in Tajik society. The specific feature of the middle class is deactualization of practically all other indicators except "profit". In other words, higher education does not always serve a base for receiving a prestigious job/position. Moreover, these two indicators do not correlate with the "profit".

**Key words:** stratifications, middle class, indicators of the middle class, criteria of middle class, profit, higher education, prestigious job, social and economical situation of society.